# Таҳлили таъсири танзимкунии лоиҳаи "Тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ"

| | |
|---|---|
| Намуд ва номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Лоиҳаи "Тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ" |
| Маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Бонки миллии Тоҷикистон |
| Доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ нисбати онҳо татбиқ мегардад | Ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) |
| Мӯҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ | 31.09.с.2024 |
| Маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ | Огоҳинома дар бораи таҳияи лоиҳаи Тартиби мазкур дар Феҳристи нақшаи таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 марти соли 2024 ҷойгир карда шуда, машварати оммавӣ нисбати он аз 13 март то 13 апрели соли 2024 гузаронида шуд |
| Маҷмӯи таклифҳои аз рӯйи натиҷаи ҷойгирокунии огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда оид ба онҳо | Аз рӯйи натиҷаи ҷойгиркунии огоҳинома дар Портали интернетии иттилоотии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба омода намудани лоиҳаи Талаботи мазкур таклифу пешниҳодҳо ворид нагардид.<br>Вобаста ба огоҳинома оиди таҳияи лоиҳаи Тартиби мазкур Маркази миллии қонунгузорӣ дар хулосаи худ аз 16 апрели соли 2024, №47/2с қайд намудааст, ки огоҳинома тибқи талаботи қисмҳои 2 ва 3 моддаи 34 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии |

| | |
|---|---|
| | ҳуқуқӣ" таҳия карда шудааст. |
| Тавсифи мушкилот, ки барои ҳал намудани он қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст ва оқибатҳои эҳтимолии он дар ҳолате, ки агар ягон амал андешида нашавад. | Бинобар сабаби мавҷуд набудани санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор, ки тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳоро ба фондҳои захиравии суғуртавӣ пурра ба танзим медарорад, ташаккули захираҳои суғуртавӣ аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба таври зарурӣ ба роҳ монда намешавад.<br>Бо мақсади самаранок ба роҳ мондани ташаккулдиҳии фондҳои захираҳои суғуртавӣ, Бонки миллии Тоҷикистон лоиҳаи Тартиби мазкурро таҳия намуд.<br>Дар ҳолати қабул нагардидани Тартиби мазкур, талаботи қонунгузорӣ бе иҷро боқӣ монда, ташаккулдиҳии фондҳои захиравии суғуртавӣ ғайриимкон мегардад. Чунин ҳолат ба рушди бозори суғурта, ҳимояи манфиатҳои молумулкии шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳангоми рух додани ҳодисаҳои суғуртавӣ ва масъалаҳои андозбандии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) таъсири манфӣ мерасонад. |
| Ифодаи мақсадҳои дахолати давлат | Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ лоиҳаи "Тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ"-ро бо назардошти муқаррароти қисми 5 моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" бо мақсадҳои зерин таҳия намудааст:<br>- ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон;<br>- беҳтар намудани боварӣ ва эътимоди аҳолӣ ба хизматрасониҳои суғуртавӣ;<br>- беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои суғуртавӣ; |

| | |
|---|---|
| | - коҳиш додани сатҳи хавфҳо;<br>- ташаккулдиҳии низоми самаранок ва устувори молиявии суғурта дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;<br>- риояи меъёрҳои ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ тавассути формулаҳои математикӣ;<br>- ба танзим даровардани андозбандии захираҳои суғуртавӣ;<br>- амалӣ намудани талаботи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ". |
| Тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилоти баррасишуда (бидуни таҳияи санади меъёрии ҳуқуқӣ). | Бонки миллии Тоҷикистон мақоми назорати суғуртавӣ эътироф гардидааст. Мутобиқи талаботи моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ" ташаккулдиҳии фондҳои захираҳои суғуртавӣ бо тартиби муқарарнамудаи мақоми назорати суғуртави амалӣ карда мешавад.<br>Бидуни таҳия чунин санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҳамчун муқарароти Конуни болозикр пешбинӣ шудааст, ҳалли мушкилоти ҷойдошта ва ба танзим даровардани бозори суғуртаи кишвар дар самти устувории молиявӣ ғайриимкон мебошад. Зеро, Бонки миллии Тоҷикистон дигар роҳҳои ҳалли мушкилотро низ мавриди баррасӣ қарор дод, аммо натиҷа надод. |
| Тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда аз ҷумла, чораҳои пешбининамудаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии пешниҳодшуда, | Лоиҳаи "Тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ" ташаккулдиҳии фондҳои захиравии суғуртавиро аз рӯйи соҳаҳои суғурта муқаррар намуда, ҳифзу ҳимояи манфиатҳои қонунии суғурташавандагон ва давлатро таъмин менамояд.<br>Дар лоиҳаи Тартиб чораҳои зерин пешбинӣ гардидааст: |

| | |
|---|---|
| ухдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ, асосноккунии интихоби роҳи ҳалли чунин мушкилот. | - ба таври ҳатмӣ ташаккул додани фондҳои захиравии суғуртавӣ аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ);<br>- меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавӣ аз рӯйи соҳаҳои суғурта;<br>- усули ҳисобкунии захираҳои суғуртавӣ тавассути формулаҳои математикӣ;<br>- тартиби муайянсозии захираи ҳаққи суғуртавии бадастнаомада, захираи бавуҷуднаомада, захираи зарарҳо, захира аз офатҳои табиӣ, захираи тадбирҳои пешгирикунанда ва дигар захираҳои суғуртавӣ;<br>- тартиби муайянсозии ҳиссаи азнавсуғуртакунандагон дар захираи ҳаққи суғуртавии бадастнаомада, захираи бавуҷуднаомада, захираи зарарҳо, захира аз офатҳои табиӣ, захираи тадбирҳои пешгирикунанда ва дигар захираҳои суғуртавӣ;<br>Лоиҳаи Тартиби мазкур чунин ухдадориҳоро пешбинӣ намудааст:<br>- ташаккулёбии захираҳои суғуртавӣ аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) бо тартиб ва меъёрҳои тарҳи ҳиссаҷудокуниҳо ба фондҳои захиравии суғуртавии муқаррарнамудаи мақоми назорати суғуртавӣ амалӣ мегардад;<br>- маблағҳои захираҳои суғуртавӣ танҳо барои иҷрои ухдадориҳои суғуртавӣ истифода мегарданд;<br>- барои таъмини иҷрои ухдадориҳо оид ба суғуртакунӣ ва азнавсуғуртакунӣ ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) захираҳои суғуртавиро ташкил медиҳанд;<br>- ташаккулёбии захираҳои суғуртавӣ бо мақсади амалинамоии саривақтии пардохтҳои суғуртавии (ҷубронҳои суғуртавии) минбаъда аз рӯи шартномаҳои суғуртакунӣ, |

| | |
|---|---|
| | азнавсуғуртакунӣ ва иҷрои амалҳои дигар тибқи шартномаҳои мазкур (уҳдадориҳои суғуртавӣ) бояд ба арзёбии актуарии уҳдадориҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) асос ёбад;<br>- андозбандии захираҳои суғуравӣ тибқи тартиби мазкур ҳисоб карда шавад.<br>Дар ин тартиб маҳдудиятҳо пешбинӣ карда нашудааст. Рушди инфрасохтори бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон давра ба давра инкишоф ёфта, зарурати ташаккулдиҳии фондҳои захиравии суғуртави бо роҳи таҳия намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус ба миён омадааст.<br>Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назорати суғуртавӣ ҷиҳати иҷрои талаботи муқаррарнамудаи қисми 5 моддаи 27 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти суғуртавӣ", лоиҳаи Тартиби мазкурро таҳия намудааст. |
| Арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар ҳолати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва роҳҳои дигари интихобшудаи ҳалли мушкилот. | Қабули Тартиби пешниҳодшуда аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад.<br>Оқибатҳои иҷтимоии лоиҳаи мазкур:<br>- қонунвайронкуниҳо аз ҷониби субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ дар ташаккулдиҳии захираҳои суғуртавӣ пешгирӣ карда мешавад;<br>- барои баланд бардоштани эътимоди суғурташавандагон ва ҳифзи ҳуқуқҳои онҳо ҳангоми пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ такони ҷиддӣ мебахшад;<br>- фаъолияти ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии) кишвар ба таҷрибаи байналмилалӣ мутобиқ мегардад;<br>- риояи муқарраротӣ қонунгузорӣ аз ҷониби субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ таъмин мегардад.<br>Оқибатҳои иқтисодии лоиҳаи мазкур: |

| | |
|---|---|
| | - истифодаи самаранокии маблағҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) танзим карда мешавад;<br>- андозсупории субъектҳои фаъолияти суғуртавӣ ба таври дуруст ба роҳ монда мешавад;<br>- устувории молиявии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) таъмин мегардад;<br>- сатҳи хавфҳои молиявии коҳиш меёбад. |
| Пешомадҳои арзёбии инкишоф ва даврияти ҷамъоварии он. | Дар ҳолати қабул гардидани Тартиби мазкур риояи қонунгузорӣ дар бозори суғурта бо роҳи ташаккулдиҳии фондҳои захираҳои суғуртавӣ тибқи таҷрибаи байналмилалӣ аз ҷониби ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) таъмин карда мешавад. Дар баробари ин, таъсиси низоми устувори молиявӣ дар бозори суғуртаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шуда, ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии суғурташавандагон, шахсони суғурташуда ва фоидагирандагон таъмин мегардад. |
| Санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ дар сурати қабули он. | 01.08.с.2024. |

Муовини раис Назири Г.Н.